## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

### Дар бораи Намудҳои молҳои андозбандишаванда, ки бо истифода аз низоми гумрукии "Коркард" дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол гардида, бо андози фурӯш андозбандӣ карда мешаванд

Мутобиқи қисми 2 моддаи 337 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Намудҳои молҳои андозбандишаванда, ки бо истифода аз низоми гумрукии "Коркард" дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол гардида, бо андози фурӯш андозбандӣ карда мешаванд, тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмиятдарории гумрукии молҳои дар замимаи қарори мазкур дарҷшудаи берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршавандаро дар асоси тасдиқномаи мақомоти андоз доир ба пардохти андоз аз фурӯш амалӣ намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 29 ноябри соли 2022, № 583

Замима

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 29 ноябри соли 2022, №583

### Намудҳои молҳои андозбандишаванда, ки бо истифода аз низоми гумрукии "Коркард" дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол гардида, бо андози фурӯш андозбандӣ карда мешаванд

| № | Рамзи Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии | Намудҳо |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| . | 1302 | Шарбатҳо ва шираҳои растаниҳо; моддаҳои пектинӣ, пектинатҳо ва пектатҳо; шireши агар-агар ё ширешҳо ва ғализкунандаҳои дигари аз растанибуда, намудашон ивазшуда ё ивазнашуда |
| . | 2402 | Сигорҳо, сигорҳо бо қисми охирашон буридашуда, сигорилліо ва сигорҳо аз тамоку ё ивазкунандаҳои онҳо |
| . | 2403 | Тамокуи дигари истеҳсолоти саноатӣ ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку; тамокуи «гомогенишуда» ё «барқароршуда»; шира ва ҷавҳари тамоку |
| . | 3925 | Ҷузъҳои сохтмонӣ аз пластмасса, дар дигар ҷой омгузорӣ нашуда ё дохил карданашуда |
| . | 3926 | Маснуоти дигар аз пластмасса ва маснуот аз масолеҳи дигари мавқеъҳои молии 3901 - 3914 |